# Мавзӯи 3: Санадҳои ҳуқуқӣ оид ба танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба Интернет

## Санадҳои байналмилалӣ доир ба интернет

Интернет барои рушди технологияҳои рақамӣ нақши калидӣ дорад. Зеро аксари технологияҳои рақамӣ айни ҳол дар асоси интернет кор мекунанд. Доир ба интернет то дараҷае санадҳои ҳуқуқӣ қабул шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат мо дар бораи онҳо маълумот хоҳем дод.

Дар сатҳи байналмилалӣ ҳанӯз санади меъёрию ҳуқуқие, ки тариқи умумӣ тамоми масъалаҳои ҳуқуқии марбут ба интернетро танзим намояд, қабул нашудааст. Аммо чанд санаде қабул шудааст, ки онҳо масъалаҳои гуногуни вобаста ба интернетро ба танзим медароранд:

Соли 2016 СММ қатънома қабул намуд ва дар он ҳуқуқи дастрасии инсон ба интернетро муайян намуд;

Соли 2013 СММ қатънома дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ дар шабакаро қабул намуд.

Шӯрои ҳуқуқи инсони СММ соли 2012 қатъномае қабул кард, ки дар он таъкид мешавад: "... он ҳуқуқҳое, ки инсон дар ҳолати муқаррарӣ дорад, бояд дар онлайн (шабака) ҳам ҳимоя гардад".

Ин қатъномаҳо ҳарчанд хусусияти ҳатмӣ надошта бошанд ҳам, аммо ба давлатҳо тавсия медиҳанд, ки ҳангоми ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ба он аҳамият диҳанд.

Дар сатҳи ИДМ соли 2011 Қонуни намунавӣ "Доир ба асосҳои танзими интернет" қабул гардид. Қонуни намунавии мазкур принсип ва самтҳои асосии танзими муносибатҳои марбут ба истифодаи интернет, тартиби дастгирии давлатии рушди интернетро муайян карда, муносибатҳои байни иштирокчиёни раванди танзими интернет ва вазифаҳои онҳоро ҳангоми татбиқи танзим муқаррар менамояд, қоидаҳои муайян кардани ҷой ва вақти иҷрои амалҳои қонунии муҳимро ҳангоми истифодаи интернет танзим менамояд. Қонуни мазкур ба муносибатҳое, ки бо таъмини озодии дастрасӣ ба иттилоот, амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ алоқаманданд, татбиқ намегардад.

Чанд соли охир мутахассисон кӯшиш доранд, ки дар бораи қабули конвенсияи байналмилалӣ доир ба интернет ақидаҳои худро манзур намоянд. Масалан, Вазорати рушди рақамӣ, алоқа ва иртибототи оммаи Русия лоиҳаи Конвенсияи СММ доир ба интернетро коркард намуда, онро соли 2017 пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳон намуд, аммо ҳанӯз чунин санад қабул нашудааст.

Ҳамзамон, дар як қатор давлатҳо дастрасӣ ба интернет ҳамчун ҳуқуқи инсон муқаррар шудааст. Масалан, Коста – Рика, Эстония, Фаронса, Юнон, Испания, Финландия, Италия, Бритониё, Мексика.

Дар Туркманистон соли 2014 Қонун “Дар бораи танзими ҳуқуқии рушди интернет ва хизматрасонии интернетӣ дар Туркменистон” қабул гардид. Дар Русия қонуни алоҳида доир ба интернет вуҷуд надошта бошад ҳам, аммо ба Қонуни ФР “Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот” вобаста ба зарурат тағйиротҳое ворид мешаванд, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои марбут ба интернетро танзим менамояд. Хусусан тағйиротҳои соли 2019 ба Қонуни ФР “Дар бораи иттилоот, технологияҳои иттилоотӣ ва ҳифзи иттилоот” вобаста ба интернет самтҳои зеринро дар бар мегирад:

операторони телекоммуникатсионӣ вазифадоранд, ки таҷҳизоти давлатиро дар нуқтаҳои мубодилаи трафик барои таҳлил ва филтр кардани трафик (Deep Packet Inspection; DPI) дар дохили кишвар ва хатҳои алоқаи убури сарҳади Русия насб кунанд;

операторони телекоммуникатсионӣ вазифадоранд ба феҳрист ворид шаванд ва танҳо аз ин нуқтаҳои мубодила истифода баранд;

Роскомнадзор “идоракунии мутамарказ”-и рунетро амалӣ мекунад;

Роскомнадзор маҳдудияти дастрасӣ ба вебсайтҳои дар Русия мамнӯъро амалӣ мекунад;

системаи номи доменҳои миллӣ таъсис дода мешавад.

Ҷонибдорони қонун қабули онро бо зарурати таъмини амнияти Русия дар сурати қатъи он аз интернет асоснок мекунанд[1].

Ҳамин тавр, ҳоло конвенсия ё санади дигари умумии байналмилалӣ доир ба интернет қабул нашудааст. Аммо аз он таҷрибаҳое, ки дар боло зикр кардем аён аст, ки дар ҳар давлат вобаста ба имконот санадҳои дахлдор қабул шуда истодаанд.

**3.2. Қонунгузории миллӣ доир ба интернет**

Интернет – маҷмӯи шабакаҳои иттилотӣ коммуникатсионие мебошад, ки компютерҳо ва дигар таҷҳизоти имконпазирро, новобаста аз ҳудуди ҷойгиршавиашон, бо истифода аз протоколи интернет (IP) ва протоколи таҳвили иттилоот (TCP) ба якдигар пайваст мекунад.

Интернет муҳити бисёрҷанба, номуттамарказ, бидуни марз ва ноқили иттилоотӣ аст ва маҳз бо ҳамин сифатҳояш барои танзими ҳуқуқӣ мушкил аст. Дар мавриди танзими муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба дастрасии захираҳои иттилоотии интернет чор нуқтаи назар мавҷуд аст:

1. Танзими интернет зарур нест;
2. Интернет ҳамчун воситаҳои ахбори омма ба танзим дароварда шавад;

[1] Закон о “суверенном интернете”. – Речаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%97%D0%B0%D0%BA%D0%BE%D0%BD_%D0%BE_%C2%AB%D1%81%D1%83%D0%B2%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D0%BD%D0%BE%D0%BC_%D0%B8%D0%BD%D1%82%D0%B5%D1%80%D0%BD%D0%B5%D1%82%D0%B5%C2%BB (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

3. Интернет ба худтанзимнамоӣ ниёз дорад;

4. Муносибатҳои ҷамъиятии "анъанавӣ" бо қонун танзим мешаванд ва он ҳангоми истифода аз интернет низ роиҷ аст. Дар зарурат ба қонунгузориҳои соҳавӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои интернет, тағйирот ва иловаҳои муносиб ворид карда шавад.

Ақидаи охирин айни замон дар амал татбиқ шуда истодааст. Аниқтараш, интернет танзим намешавад (зеро объект ё субъекти ҳуқуқ нест), балки рафтори субъектҳое, ки ба интернет дастрасӣ доранд, танзим мешавад. Барои ин қабули қонуни алоҳида (амалан кори ғайриимкон аст) зарур нест, чунки корбарони он дар муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ширкат меварзанд: шартнома мебанданд, аз натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ истифода мекунанд, фикрашонро ифода мекунанд, муошират мекунанд, ба идораҳои давлатӣ муроҷиат менамоянд ва ғ.

Дар Тоҷикистон ба хидматрасониҳои интернет аз соли 1995 оғоз намуданд. Тадриҷан муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет дар тамоми соҳаҳо фаъол шуданд. Бо дарназардошти имконияти танзими муносибатҳои вобаста ба интернет мақомоти масъули давлатӣ дар зиёда аз 200 санади мухталиф (қонунҳо, амру фармонҳои Президент, қарорҳо, қоидаҳо, консепсияҳо ва барномаҳо) "истифодабарии интернет"-ро пешбинӣ намудаанд.

Ин санадҳоро вобаста ба таъиноти танзимнамоиашон ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) Санадҳое ки интернет дар онҳо ба ҳайси яке аз технологияҳои нави замонавӣ зикр мегардад ва идеяи истифодабарии он дар тамоми идораҳои давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ талқин мешавад. Ин санадҳоро санадҳои меъёрӣ гуфтан нашояд, зеро онҳо хусусиятҳои пешбинӣ ва банақшагирӣ доранд ва консепсияи инкишофро дар ин ё он соҳа (таълим, тиб, идораи давлат ва ғайра) муайян менамоянд ва истифодаи интернет дар онҳо чун як унсури муҳим барои ба комёбиҳо ноил шудан, шумурда мешавад. Санадҳои мазкур барои фарогирии васеъи истифодаи интернет дар Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Масалан: дар буҷаи муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи касбӣ маблағ барои васлшавӣ ва истифодаи интернет пешбинӣ карда шавад (Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2006,№484); созмон додани сайти интернетие, ки дар он ҳисоботи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои истифодаи умум ҷойгир карда мешавад (Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалигардонии барномаи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои солҳои 2010-2014, аз 3 майи соли 2010 № 231).
2) Санадҳое ки дар қатори муносибатҳои "анъанавӣ" ин ё он муносибатҳои дигари ҷамъиятии вобаста ба интернетро танзим мекунанд. Санадҳои меъёрии мазкур то пайдоиши интернет ҳам дар Тоҷикистон вуҷуд доштанд, вале бо арзи ҳастӣ намудани интернет зарурати таҷдиди назар намудани онҳо ба миён омад. Масалан:

Танзими истифодаи тамғаҳои молӣ ба ҳайси номи домен (дар моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ аз 22 феврали соли 2007, №276”[2]);

Нашри объектҳои ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар интернет (дар моддаи 16-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” аз 13 ноябри 1998, №727[3]);

Муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ тавассути воситаҳои электронӣ (дар моддаи 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016, №1336[4]).

3) Санадҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернетро бо мақсади рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК), танзим менамоянд. Ин санадҳо санадҳои зерқонунӣ буда, бевосита ба рушди соҳаи ТИК алоқаманданд. Масалан, Қоидаҳои ягона барои сомонаҳи расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, № 344 тасдиқ шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳангоми истифода аз интернет се омили муҳим вуҷуд дорад: интернет, иттилоот ва манфиат. Ба ибораи дигар, шахс дар интернет вобаста ба манфиат иттилооти мухталифро паҳн ё ҷустуҷӯ менамояд. Омили барангезанда барои танзими рафтори шахси аз манбаъҳои интернет истифодакунанда маҳз манфиат аст. Вобаста ба истифодаи интернет се назар вуҷуд дорад: **1)** Истифодаи мақсадноки интернет ба манфиати инсон аст; **2)** Ҳолатҳои ба зарари инсон истифода намудани интернет пешгирӣ карда шавад; **3)** Интернет як воситаи умумиҷаҳонии муборизаҳои иттилоотӣ гаштааст.

**Ҷадвали №1**

| Мусбат | Манфӣ | Ҳолатҳои хоса |
|---|---|---|
| Сарчашмаи иттилоот<br>Бозор<br>Хизматрасонӣ<br>Кор<br>Илм<br>Реклама<br>Интишори маълумот<br>Даромад/хароҷот<br>Таълими фосилавӣ | Спам<br>Вирус<br>Қаллобӣ<br>Киберҷиноятҳо<br>Шантаж<br>Сӯйиистифода аз озодии сухан<br>Ишораҳои ғайримуътамад | Воситаи муборизаҳои иттилоотӣ |

[2] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 167; с. 2012, №7, мод.708
[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, №23-24, мод. 348; с. 2003, №8, мод. 450; с. 2006, №3, мод. 153; с. 2009, №12, мод. 825; с. 2014, №12, мод. 826
[4] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, № 7 моддаи 617

| | | |
|---|---|---|
| ВАО<br>ва ғайра. | Порнографияи бачагона<br>Сарчашмаи исрофи вақт ва маблағ | |

Бояд зикр намуд, ки иттилоти дар сомонаҳои Интернет нашршаванда ё паҳншаванда, асосан, дар вазъи дастрасии умум аст ва бо ҳуқуқи озодии сухан, озодии ақида ва ҳуқуқ ба иттилоот ва моликияти зеҳнӣ робитаи зич дорад. Аз ҳамин сабаб маҳз дар ҳамин соҳаҳои қонунгузорӣ бо пайдоши интернет тағйиротҳо ба вуҷуд омаданд.

**Интернет ва қонунгузорӣ доир ба ҳуқуқи муаллиф**

Новобаста аз интернет, ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ кайҳо боз вуҷуд дорад. Бо пайдоиши интернет, ки натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба таври васеъ истифода мешаванд, зарурати қабули меъёрҳои наве пайдо шуд, ки манфиатҳои соҳибҳуқуқон ва корбаронро ба мизон оварад. Ба ҳамин мақсад дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" аз 3 марти соли 2006 таҳти рақами №162 дар моддаҳои 3, 16, 19, 34, 35 тағйироту иловаҳо дохил намуданд. Мазмуни асосии иловаҳои мазкур аз он иборат аст, ки муаллиф ҳуқуқи ба ҳамагон расонидани натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии худро тавассути интернет пайдо менамояд. Ҳарчанд дар қонуни мазкур калимаи "интернет" мавҷуд нест, вале моҳиятан, расонидани асарҳои муаллифӣ ё объекти ҳуқуқи вобаста ба он ба маълумоти умум, ба тарзе ки намояндагони омма тавонанд ба он дар ҳама ҷой ва дар ҳар вақт дастрасӣ дошта бошанд, амалан маънои истифода аз интернетро дорад. Дар интернет ҷойгир намудани асар ҳуқуқи амволии муаллиф шумурда шуда, барои ин иҷозати ӯ лозим аст.

**Интернет ва қонунгузорӣ доир ба воситаҳои ахбори омма (ВАО)**

Масъалаи дигар таносуби интернет ва ВАО дар кишварҳои собиқ шуравӣ мебошад. Доир ба ин мавзӯъ ақидаҳои зерин вуҷуд доранд:

- Интернет як навъи ВАО аст;
- Захираҳои иттилоотии интернет ВАО ҳастанд;
- Сайт (сомона) дар шабакаи интернет метавонанд ВАО бошад;
- Интернет ин фазои (муҳити) интиқол барои густариши ВАО ва равнақи бозори онҳост.

Ба назари мо, ақидаи аввал ғалат аст, зеро интернет дар фарқият аз ВАО, ки ба сифати объекти ҳуқуқ баромад мекунад, субъект ё объекти ҳуқуқ нест. ВАО дар ягон шакли муайяне вуҷуд дорад: рӯзнома, барномаи радио-телевизионӣ ва ҳар кадоме дорандагони ҳуқуқҳои истисноӣ ба чунин объектанд, вале интернет мушаххасан моли шахсе ё ташкилоте нест.

Мутобиқи ақидаи дуввум, на худи интернет, балки захираҳои он (сомонаҳо (сайтҳо), блогҳо) ВАО ҳастанд (чунин муносибат дар қонунгузории Ҷумҳурии

Қазоқистон инъикос ёфтааст). Воқеан сомонаҳо натиҷаи фаъолияти зеҳнианд, вале ин маънии онро надорад, ки ҳар сайте ВАО бошад. Сайтҳое мавҷуданд, ки баробар карданашон бо ВАО имкон надорад. Агар мо тамоми сайтҳоро бо ВАО баробар кунем, пас рисолати "журналистикаи касбӣ" моҳияти худро аз даст медиҳад. ВАО бояд минбари мутахассисоне бошад, ки сазовори боварианд. Аз ин рӯ, ин тарзи муносибат ҳам қаноатбахш нест.

Ақидаи сеюм комилан қаноатбахш аст. Дар ин ҳолат қонунгузор ба соҳибони сайт ҳуқуқ медиҳад, ки онро чун ВАО ба қайд гиранд (чунин тарзи муносибат дар қонунгузории Русия пешбинӣ шудааст).

Мувофиқи ақидаи чаҳорум интернет нақлиёт ва муҳитест барои нашр ва густариши ВАО (барномаҳои радиову телевизион, рӯзномаву маҷаллаҳо). Маҳз чунин тарзи муносибат ба сатҳи замонавии инкишофи интернет дар кишвари мо созгор аст ва маҳз ҳамин чиз дар қонунгузории ҶТ (моддаи 2-и қонуни ҶТ "Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ"[5]) инъикос шудааст.

**Интернет ва қонунгузорӣ доир ба мурочиати шаҳрвандон**

Маълум аст, ки мурочиати шаҳрванд ба сохторҳои давлатӣ ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд аст (моддаи 31-и Конститутсияи ҶТ). Ҳамчунин ҳуқуқи мурочиати шаҳрвандон ба сохторҳои давлатӣ дар дигар санадҳои меъёрӣ, махсусан, дар Қонуни ҶТ "Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" инъикос шудааст. Дар қонуни мазкур имкони мурочиатро аз тариқи почтаи электронӣ ё дигар имкониятҳои интернет пешбинӣ намудаанд.

Сайти мақомоти давлатӣ чун воситаи паҳн намудани маълумоти муҳими иҷтимоӣ истифода мешавад.

Бо таъсиси ҳукумати электронӣ чор навъи/модели гардиши иттилоот байни давлат ва ҷомеаро ҷудо намудан имкон дорад:

1. Давлат иттилоотро дар шабакаи интернет паҳн мекунад;
2. Давлат интишори иттилоот (ё хидматҳои иттилоотии давлатӣ)-ро ба шахси сеюм (хусусӣ, ғайридавлатӣ), ки дар асоси тендер интихоб шудааст, вогузор менамояд;
3. Ҷомеа дарёфти иттилоотро талаб менамояд;
4. Муомилаи ҳамкории тарафайн (давлат-шаҳрванд).

Дар модели аввал иштирокчии фаъоли гардиши иттилоот давлат аст. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул мешаванд, ки мақомоти давлатиро барои интишори навъҳои мушаххаси иттилоот дар интернет вазифадор менамоянд. Чунин усул дар таъмини ҳукумати электронӣ ва шаффофияти мақомоти давлатӣ

[5] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, № 24, мод. 408; с. 1998, № 10, мод.76; с. 1999, № 6, мод. 166; с. 2000, № 11, мод. 521; с. 2001, № 7, мод. 481; с. 2004, № 2, мод. 39; с. 2006, № 4, мод. 197; с. 2013, № 7, мод. 540

мусоидат менамояд, барои озодии сухан ва ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот шароит фароҳам меоварад.

Дар модели дуюм ҷомеа аз мақомоти давлатӣ дарёфти маълумоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро дар интернет тақозо менамояд.

Дар модели сеюм ҳам ҷомеа ва ҳам давлат дар гардиши итилоот аз тариқи интернет фаъоланд.

Дар модели чорум, ки ҳамчунин бо номҳои иштироки электронӣ, идоракунии электронӣ маъруф аст, давлат иштироки фаъоли шаҳрвандонро на танҳо чун истеъмолкунандагони хадамот, балки ҳамчун шарик дар истеҳсол ва болоравии сифати хидматҳо ташвиқ мекунад.

**Интернет ва қонунгузорӣ доир ба тамғаҳои молӣ**

Дар интернет тамғаҳои молӣ барои таъмини фардикунонии намуди молҳои муайян зуд-зуд ба назар мерасад. Бо назардошти истифодаи тамғаи молӣ дар интернет ва аҳамияти он барои соҳибҳуқуқон, қонунгузор дар моддаи 6-и қонуни мазкур илова ворид намуд, ки дар асоси он соҳибҳуқуқро метавон аз истифодаи ғайриқонунии тамғаи моллии ӯ дар интернет ҳимоя кард. Бо вуҷуди ин масъалаи муносибати тамғаи молӣ ва номи доменӣ ба миён меояд. Соҳиби мол метавонад тамғаи моли худро чун номи домен истифода барад, вале агар соҳиби тамғаи мол ва номи домен субъектҳои алоҳида бошанд, мушкилӣ пайдо мешавад.

Тамғаи мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз бақайдгирӣ дар мақомоти давлатии салоҳиятдор нисбати гуруҳи молҳои муайяне, ки дар ҳуҷҷатҳои бақайдгирӣ нишон дода шудаанд, муҳофизат мешавад.

Домен дар Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳое, ки дар асоси шартнома бо маъмури номи домени tj (алҳол чунин субъект Маркази иттилоотӣ-техникии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурииии Тоҷикистон аст), ба қайд гирифта мешавад. Рамзи дуҳарфаи байналмилалии Тоҷикистон, мутобиқи стандарти МОС, TJ, ба сифати номи домени сатҳи олӣ соли 1997 аз ҷониби як ширкати хориҷӣ ба қайд гирифта шуда буд[6]. Дар соли 2003 бо ризояти тамоми ҷонибҳои манфиатдори бозори ватании интернет, идораи номи домени кишвар ба зиммаи Маркази техникӣ-иттилоотӣ гузошта шуд. Маъмур дар асоси шартномаи сеҷонибаи байналмилалии миёни Марказ, Ҳукумати ҶТ ва созмони байналмилалии ICANN басташуда, амал мекунад. Мувофиқи қоидаҳои бақайдгирӣ доменҳои сатҳи дуюм дар қаламрави .tj [7] (минбаъд Қоида) бақайдгирандаи чунин номҳои доменӣ метавонанд ҳам иҷозатномадорон ва ҳам дигар иштирокдорони бозори ТИК бошанд.

---

[6]Пешниҳодот оид ба таъсиси дубораи номдомейни сатҳи болоии Тољикистон –TJ. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.cipi.tj/index.php?option=com_content&view=section&layout=blog&id=9&Itemid=209

[7]Қоидаҳои бақайдгирї ва ваколатдиҳии домейнҳои дараљаи дуюм дар фазои.TJ, аз љониби коршиносони ватанї дар соли 2003 таҳия гардида, 19 январи соли 2004 Администратори домейн онҳоро тасдиқ намуд. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.nic.tj/policy.html. (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

Соҳиби тамғаи моли бақайдгирифташуда, мувофиқи қоидаи домендиҳӣ афзалият дорад. Таҷрибаи байналхалқӣ оид ба масъалаи номҳои домене, ки мубоҳисаомезанд (тамғаҳои мол ба сабаби маъруфияташон зуд-зуд мавзӯи чунин баҳсҳо мешаванд), асосан ба сиёсати ягонаи ҳалли мубоҳисаҳои доменӣ (UDRP), ки Созмони Ҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ[8] кор карда баромадааст, такя менамояд. Масъалаҳои ҳуқуқие, ки бештар сар мезананд аз инҳо иборатанд: **1)** киберсквотинг (ғасби ном дар фазои маҷозӣ), вақте ки номи домени ҳамноми тамғайи мол ба қайд гирифта мешавад; **2)** тайпсквотинг (ғасби ном тавассути тағйири иштибоҳандози он), вақте ки номи домени бақайдгирифташуда бо номи тамғаи мол як хел садо медиҳад ё ба назар монанд, менамоянд.

**Интернет ва қонунгузорӣ доир ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ**

Огоҳ сохтани ҷомеа бо санадҳои ҳуқуқӣ вазифаи сохторҳои ҳокимияти давлатист. Шакли классикии огоҳсозии ҷомеа дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ нашри онҳо дар матбуоти даврӣ маҳсуб меёбад. Мутобиқи моддаи 66-и Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ"[9] рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум", ҳамчунин маҷаллаи "Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурииии Тоҷикистон" ва "Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарчашмаи нашри расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқианд.

Ҳамчунин сохторҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар манбаъҳои интернет ҷойгир менамоянд, роҳҳои дигари ба маълумоти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки ба онҳо дахл доранд, таъмин менамоянд.

Сомонаҳои бештар фаъол, ки санадҳои ҳуқуқиро нашр мекунанд, инҳоянд: сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.president.tj), сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.mmk.tj) ва сомонаи Маҷлиси Олӣ (www.parlament.tj).

Аз сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ ҳар рӯз барои шиносоӣ ва дастрасӣ ба қонунҳо садҳо нафар истифода мекунанд. Ин нишондиҳанда гуёи он аст, ки воситаи электронии ба даст овардани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаврӣ ва осон аст. Онҳо дар сомона метавонанд, нообаста аз санаи қабули он, санади меъёрии ҳуқуқии дилхоҳашонро ба даст оваранд, вале бо гирифтани рӯзнома танҳо ҳамон санадеро дастрас менамоянд, ки дар ин рӯзнома нашр шудааст. Таъсис додани Сохтори ягонаи нашри электронии расмӣ ба назар ҷолиб менамояд. Чунин сохтор дар як қатор кишварҳо - Белгия, Италия, Франсия, ФРГ, Эстония ва дигар давлатҳо амал мекунад ва шаклҳои чопӣ ва электронӣ паҳлӯи ягдигар якҷоя арзи ҳастӣ доранд[10].

---

8 Тадбирнома барои ҳалли мубоҳисаҳо атрофи номдомейнҳо аз љониби Созмони Љаҳонии Моликияти Зеҳнї - World Intellectual Property Organization (WIPO) Uniform Domain Name Dispute Resolution Policy) муаррифї мешавад. – Речаи дастрасӣ: http://www.wipo.int/amc/en/domains/gtld/udrp/index.html (санаи дастрасӣ: 29. 04. 2021).

9 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, s. 1, мод. 271

10 Червяковский А.В. Электронное официальное опубликование нормативных правовых актов. – Речаи дастрасӣ: www.ifap.ru/pi/11/sr01.rtf (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

Дар ин маврид таҷрибаи Белорус ҷолиби диққат аст. Аз 14 июни соли 2011 Фармони Президенти Ҷумҳурии Белорус, №248 “Дар бораи баъзе масъалаҳои нашри расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ба ҳукми қонун даромад. Бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои гирифтани иттилооти замонавӣ, мӯътамад ва пурра дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Белорус, Бонки миллӣ, вазоратҳо ва дигар муассисаҳои идораи давлатӣ қабул мекунанд ва он барои барқарории вазъ дар бозори истеъмолӣ ва арзӣ равона шудааст, нашри расмии онҳо дар интернет-портали ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Белорус[11] зери рубрикаи “Нашри расмӣ” сурат мегирад. Санаи нашри расмии ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рӯзи дар интернет интишор ёфтанашон ба ҳисоб меравад. Бақайдгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар реестри миллии санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Белорус, дар интернет-портал ғунҷонданашонро дар рӯзи воридшавӣ, Маркази милии маълумоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Белорус таъмин менамояд.

Дар моддаи 39-и Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ” портали интернетии иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст (http://portali-huquqi.tj/publicria/ibtido.php). Яъне дар ин портал дар бораи лоиҳаҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқие, ки ба вазъи ҳуқуқии соҳибкорон дахл дорад, маълумот паҳн карда мешавад, то ин ки мардум фикру ақидаашонро доир ба он баён намоянд.

**Интернет ва андоз**

Тавассути интернет муносибатҳои молумулкӣ сурат гирифта истодаанд, ки дар натиҷа фоидаҳо ба даст меоянд. Табиист, ки қонунгузор инро наметавонад мадди назар намояд. Аз ҳамин сабаб барои шахсоне, ки тавассути сайтҳои худ амалиётҳое анҷом медиҳанд, ки аз сарчашмаҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда фоида ба даст меоранд, вазифадор мешаванд, ки андозҳои муайяншударо супоранд. Аз ҳамин хотир дар боби 31(1)-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон[12] муқаррароти алоҳида доир ба хизматрасониҳои электронӣ пешбинӣ гардидааст.

Баъд аз қонунҳо дар Тоҷикистон санадҳои зерқонунии меъёрие, ки муносибатҳои марбут ба интернетро танзим менамоянд, ба худ таваҷҷӯҳи хосро ҷалб менамоянд. Санадҳои зерқонунӣ дар ин ҷода зиёданд. Аз ҷумла: Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 апрели соли 2008,№451; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳон” аз 16 сентябри соли 1999, №1347; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи консепсияи амнияти иттилоотии ҶТ” аз 7

---

[11] О некоторых вопросах официального опубликования нормативных правовых актов. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.newsby.org/by/2011/06/12/text20146.htm (санаи дастрасӣ: 25. 04. 2021)

[12] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838; с. 2013, №12, мод. 889, мод. 890; с. 2015, №3, мод. 210, №11, мод. 965, мод. 966; с. 2016, №3, мод. 150, №11, мод. 883; с. 2017, №1-2, мод. 21, №5, s.1, мод. 280; с. 2018, №2, мод. 66, мод. 67, №7-8, мод. 529; с. 2019, №4-5, мод. 227, №6, мод. 322, №7, мод. 473; с. 2020, №1, мод. 21, мод. 22

ноябри соли 2003, № 1175; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи стратегияи давлатии “Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон” аз 5 ноябри 2003 с., №1174; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба “Барномаи давлатии Рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҶТ” аз 3 декабри 2004 с., №468; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 июни соли 2004, №290; Қоидаҳои ягона барои сомонаҳи расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернет, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, № 344 тасдиқ шудааст ва ғ.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Самад хост сайти худро дар интернет фаъол намояд. Аҳмад ба ӯ маслиҳат дод, ки бояд сайташ ҳамчун ВАО ба қайди давлатӣ гирифта шавад. Оё сайт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ВАО ҳатман ба қайди давлатӣ гирифта мешавад?

**Масъалаи №2.** Аҳмад аз интернет қонунҳоро дастрас намуда, онҳоро дар фаъолияти касбиаш истифода мебурд. Дар таҷрибаи кориаш якчанд маротиба ҳолатҳое шуд, ки қонунҳои беэътиборро аз интернет гирифта, истифода бурдааст. Барои дақиқ намудани боэътибор будани қонунҳои дар интернетбуда, Аҳмад бояд чӣ кор кунад?

## Тестҳо

**№1. Дар Тоҷикистон қонуни махсус доир ба интернет ҳаст?**

А) Чунин қонун вуҷуд надорад;
Б) Қонуни ҶТ “Дар бораи интернет” вуҷуд дорад;
В) Қонуни ҶТ “Дар бораи хизматрасониҳои интернетӣ” вуҷуд дорад;
Г) Қонуни ҶТ “Дар бораи рушди интернет” вуҷуд дорад.

**№2. Оё Конвенсияи байналмилаӣ доир ба интернет вуҷуд дорад?**

А) Конвенсияи Душанбе доир ба рушди интернет вуҷуд дорад;
Б) Конвенсияи Берлин доир ба рушди интернет вуҷуд дорад;
В) Не, ҳоло лоиҳааш дар ҳоли омода шудан аст;
Г) Конвенсияи Женева доир ба рушди интернет вуҷуд дорад.

**№3. Қатъномаи Шӯрои ҳуқуқи инсони СММ вобаста ба интернет чӣ гуна санад мебошад?**

А) Он хусусияти тавсиявӣ дорад;
Б) Он хусусияти ҳатмӣ дорад;
В) Чунин қатъънома вуҷуд надорад;
Г) Ин қатъънома бекор шудааст.

**№5. Таносуби ВАО ва интернетро муайян намоед:**
А) Интернет як намуди ВАО мебошад;
Б) ВАО метавонад тавассути интернет нашр шавад;
В) ВАО ва интернет  танҳо воситаи тиҷорат мебошанд;
Г) ВАО ва интернет бо як қонун танзим мешаванд.

## Саволҳои кори хаттӣ

- Инернет ва андоз
- Интернет ва ҳуқуқи муаллифӣ
- Интернет ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ
- Интернет ва тамғаи молӣ
- Интернет ва домен

## Саволҳои худсанҷишӣ

Интернет ба кадом давлат мутаалиқ аст?
Оё доир ба интернет метавон як қонуни алоҳида қабул намуд?
Агар ҳа, чигуна? Агар не, пас чаро?
Санади байналмилалии алоҳида, ки тамоми паҳлӯҳои интернетро танзим намояд оё вуҷуд дорад?
Худтанзимнамоӣ вобаста ба интернет чист?
Дар кадом қонунҳои Тоҷикистон доир ба масъалаҳои вобаста ба интернет меъёрҳо вуҷуд дорад?

## Адабиётҳо


Закон о “суверенном интернете” . – Реҷаи дастрасӣ: **https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%97%D0%B0%D0%BA%D0%BE%D0%BD_%D0%BE_%C2%AB%D1%81%D1%83%D0%B2%D0%B5%D1%80%D0%B5%D0%BD%D0%BD%D0%BE%D0%BC_%D0%B8%D0%BD%D1%82%D0%B5%D1%80%D0%BD%D0%B5%D1%82%D0%B5%C2%BB** (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

Пешниҳодот оид ба таъсиси дубораи номдомени сатҳи болоии Тоҷикистон –TJ.  – Реҷаи дастрасӣ: http://www.cipi.tj/index.php?option=com_content&view=section&layout=blog&id=9&Itemid=209

Қоидаҳои бақайдгирӣ ва ваколатдиҳии доменҳои дараҷаи дуюм дар фазои.TJ, аз ҷониби коршиносони ватанӣ дар соли 2003 таҳия гардида, 19 январи соли 2004 Администратори домен онҳоро тасдиқ намуд. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.nic.tj/policy.html. (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

Тадбирнома барои ҳалли мубоҳисаҳо атрофи номдоменҳо аз ҷониби Созмони Ҷаҳонии Моликияти Зеҳнӣ - World Intellectual Property Organization (WIPO) Uniform Domain Name Dispute Resolution Policy) муаррифӣ мешавад. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.wipo.int/amc/en/domains/gtld/udrp/index.html (санаи дастрасӣ: 29. 04. 2021).

Червяковский А. В. Электронное официальное опубликование нормативных правовых актов. -Реҷаи дастрасӣ: www.ifap.ru/pi/11/sr01.rtf (санаи дастрасӣ: 29.04. 2021)

О некоторых вопросах официального опубликования нормативных правовых актов. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.newsby.org/by/2011/06/12/text20146.htm (санаи дастрасӣ: 25. 04. 2021)

Меликов У.А. Иттилоот дар интернет: танзими ҳуқуқӣ. - Душанбе, «Эр-граф», 2011, 104 с.

Меликов У.А., Монахов В.Н., Асоев А.Д., Симонова И.Г. Танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба интернет дар Тоҷикистон. - Душанбе, «Эрграф», 2011, 77 с.